آوازتاجیک
Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад
Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

26 апрели соли 2023
Чоршанбе
№ 33 (14941)
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ЛОИҲАҲОИ АНИҚИ РУШДИ ШАРИКИИ ИНДУСТРИАЛИВУ ТЕХНОЛОГӢ МУҲОКИМА ШУДАНД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 25 апрел ҳайати ҳукуматии Ҷумҳурии Чехияро зери раҳбарии Сарвазир Петр Фиала, ки дар шаҳри Тошканд бо ташрифи расмӣ қарор дорад, қабул намуд.***



Масъалаҳои муҳими рушди минбаъдаи муносибати байни Ўзбекистону Чехия ва амиқсозии ҳамкории амалии байни ду мамлакат дар самтҳои бартаринок муҳокима гардиданд.

Шоистаи қайд аст, ки Чехия бинобар анъана шарики муҳими аврупоии мамлакатамон ба шумор меравад. Имсол 30-солагии барқарор гардидани муносибати дуҷонибаи дипломатӣ қайд мегардад.

Дар чанд соли охир ҳаҷми табодули тарафайни амвол ду баробар, миқдори корхона ва лоиҳаҳои муштарак 2,5 баробар афзуд.

Ҳоло ҳозир лоиҳаҳо оид ба истеҳсоли масолеҳи сохтмон, истеҳсоли таҷҳизоти тиббӣ, рушди инфрасохтори корӣ ба амал татбиқ мегардад. Инчунин табодули фаъолона аз рўи анъана дар соҳаҳои таълим, тандурустӣ ва маданӣ ба амал татбиқ мегарданд. Дар доираи ташрифи мазкур инчунин кушоиши намоишгоҳ бахшида ба 20-солагии экспедитсияи археологии Ўзбекистону Чехия ба вуқўъ пайваст.

Зимни мулоқот аҳамияти босамар роҳандозӣ намудани потенсиали ҳамкории муфиди тарафайни ду мамлакат, ки чун пешвоёни индустриалии минтақаҳои худ ба шумор меравандa, махсус таъкид гардид.

Ногузирии фаъолсозии кори Комиссияи байниҳукуматӣ ва баргузории ҷамъомади навбатии он таъкид шуд.

Натиҷаҳои босамари бизнес-форуми баргузоршуда бо иштироки корхонаҳои пешсафи мамлакатҳоямон ва тақдимоти лоиҳаҳои истиқболнок олӣ арзёбӣ гардиданд.

Ба сифати самти бартаринок такомули энергетика, соҳаи истихроҷ, энергомошинсозӣ, хоҷагии қишлоқ, саноати электротехника, бофандагӣ ва чармӣ, нақлиёт ва логистика, ташкили парвозҳои бевосита, рушди даҳлезҳои нақлиётӣ ва ғайра муқаррар гардиданд.

Аҳамияти истифодаи дастгоҳҳои дастгирӣ ва таъмини молиявии муштараки лоиҳаҳое, ки ба татбиқи васеи технологияи пешқадами чех дар мамлакатамон нигаронда шудааст, таъкид шуд.

Дар бораи таъсиси гурўҳҳои корӣ ва таҳияи «нақшаҳои роҳ» бинобар ҳар як самти ҳамкорӣ қарор қабул гардид.

Ғайр аз ин фаъолияти Шўрои корӣ барқарор мегардад, ки дар доираи он мунтазам баргузор намудани бизнес-форумҳо дар пойтахтҳо ва минтақаҳои Ўзбекистон ва Чехия ба нақша гирифта мешавад.

Ба масъалаҳои вусъат додани табодули гуманитарӣ, аз ҷумла афзудани ҷойи таҳсили донишҷўёни Ўзбекистон дар муассисаҳои таълими олии пешқадами Чехия ва қабули барномаи чорабиниҳои маданӣ эътибори алоҳида нигаронда шуд.

**ЎзА.**

## МУҲИМ БУДАНИ АМИҚСОЗИИ МИНБАЪДАИ КООПЕРАТСИЯИ САНОАТӢ ТАЪКИД ГАРДИД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 25 апрел муовини Раиси Ҳукумати Федератсияи Русия, вазири саноат ва савдо Денис Мантуровро, ки ба ҳайати Русия дар намоишгоҳи байналмилалии саноатии «Иннопром. Осиёи Марказӣ», ки дар ин рўзҳо дар шаҳри Тошканд баргузор мегардад, раҳбарӣ мекунад, қабул кард.***



Дар рафти мулоқот масъалаҳои муҳими рўзномаи дуҷонибаи иқтисодӣ баррасӣ гардиданд.

Сарвари давлатамон ташкил ва бомуваффақият баргузор намудани форуми «Иннопром»-ро бо иштироки беш аз 5 ҳазор намояндагони соҳибкорӣ аз 35 кишвар бо мамнуният қайд кард.

Ба нигоҳ доштани динамикаи гардиши мол ва амиқсозии кооператсияи саноатӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт эътибори алоҳида дода шуд.

Имкониятҳои васеи рушди минбаъдаи шарикии амалии минтақаҳои ду кишвар ва бо лоиҳаҳои дақиқ ғанӣ гардондани рўзномаи ҳамкорӣ таъкид гардиданд. Ҳафтаи ҷорӣ ба кор дароварда шудани парки технологӣ дар вилояти Ҷиззах ба тариқи мисол оварда шуд.

Муҳимияти суръат бахшидани омодагӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи фаъолияти Идораи лоиҳавӣ, аз он ҷумла дар энергетика, мошинсозӣ, кишоварзӣ, саноати бофандагӣ, дорусозӣ ва дигар соҳаҳо таъкид гардид.

Инчунин шавқу рағбат ба ҷорӣ намудани таҷрибаи Русия дар соҳаи дастгирии истеҳсолоти саноатӣ ва зарурати пурзўр гардондани механизмҳои институтсионалии пешбурди лоиҳаҳои муштарак қайд карда шуд.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

## ТАҒЙИРОТ БА КОНСТИТУТСИЯ ИРОДАИ ХАЛҚРО ИНЪИКОС МЕКУНАД

***Коршиносони хориҷӣ ба рафти ислоҳоти конститутсионӣ дар Ўзбекистон шарҳ медиҳанд.***

**Директори ширкати британии «Goliath Advisory» Илья ПАЙК:**

– Ислоҳоте, ки дар Ўзбекистон оғоз ёфтанд, мавқеи кишварро дар рейтингҳои байналмилалӣ ба таври назаррас беҳтар намуда, онро барои сармоягузорон ва тиҷорати байналмилалӣ ҷолиб гардонд.

Лоиҳаи Конститутсия, ки 30 апрел ба овоздиҳии умумихалқӣ пешниҳод гардид, бешубҳа идомаи мантиқии ислоҳот мебошад, ки ба баланд бардоштани сатҳи некуҳолии аҳолӣ, дастгирии соҳибкории маҳаллӣ, ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ва дастгирии корхонаҳои содиркунанда нигаронда шудааст.

Боиси хушнудист, ки дар тағйиротҳои воридшаванда кафолатҳои давлат оид ба таъмини дахлнопазирии моликияти хусусӣ мустаҳкам карда шудаанд. Ин ҷолибияти сармоягузории кишварро мустаҳкам намуда, асоси зинавии ободи шаҳрвандон мегардад. Инчунин гардиши озоди мол, хидмат, захираҳои меҳнатӣ ва молиявӣ ваколат дода мешавад.

Бешубҳа, навгониҳое, ки ба овоздиҳии умумихалқӣ дар Конститутсияи навшаванда пешниҳод шудаанд, барои рушди устувори иқтисодӣ ва соҳибкории озод кафолати боэътимоди ҳуқуқӣ фароҳам меорад.

**Муовини якуми Бонки миллии Полша Марта КИТЛЕЙ:**

– Раъйпурсии умумихалқӣ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ўзбекистон натанҳо дар ҳаёти сиёсӣ, балки дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишвар воқеаи муҳим аст. Махсусан тамоюлҳои низоми молиявӣ, пулию бонкӣ, ки бо боби алоҳидаи Қонуни асосӣ муайян шудаанд, такягоҳи муҳими давлати оянда мебошад.

Қобили зикр аст, ки дар фасли алоҳидаи Конститутсияи Полша, инчунин дар Қонуни асосии навшудаи Ўзбекистон зикр шудааст, ки кишвар низоми молиявию пулӣ ва бонкии худро дорад. Дар моддаи 227-уми Конститутсияи Полша гуфта мешавад, ки Бонки марказии давлат Бонки миллии Полша мебошад, ки ҳуқуқи истисноии муомилоти пулӣ, инчунин таъсис ва гузарондани сиёсати пулию қарзиро дорад. Раиси Бонки миллии Полшаро Сейм таъин мекунад, он наметавонад узви ҳизби сиёсӣ, иттифоқи касаба бошад, ё бо фаъолияти ҷамъиятие, ки ба шаъну шарафи мансабаш номувофиқ аст, машғул шавад.

**(Давомаш дар саҳ.2).** ⇨

***Аз 11 апрел дар як қатор шаҳрҳои Олмон, Белгия ва Нидерландия рўзҳои мусиқаву сурудҳои Қароқалпоқистон оғоз гардид.***

## «НАСИМИ БАҲРИ АРАЛ ДАР ФАЗОИ АВРУПО»

Консертҳо то 28 апрел дар якҷоягӣ бо ширкати ALBA KULTUR (Олмон) дар доираи лоиҳаи «Ҷазираи шамолҳои баҳрӣ» баргузор мешаванд. Ба мақсади ба ҷаҳон намоиш додани санъат ва фолклори ғании халқи қароқалпоқ 10 намоиши мусиқӣ ташкил карда мешавад.

Иштирокчиёни лоиҳа донишҷўйи курси якуми Донишкадаи миллии санъати мусиқии Ўзбекистон ба номи Юнус Раҷабӣ Азада Қарлибоева ва омўзгори мактаби мусиқии Қароқалпоқистон Гумисай Бердихонов мебошанд. Онҳо мусиқии миллии қароқалпоқро иҷро карда, дар гастролҳои хориҷии худ дар шаҳрҳои Дюсселдорф, Падерборн, Зиген, Хамм, Вуппертал, Гутерсло, Кемпен, Ремшейд, инчунин дар театри Молери Белгия ва шаҳри Лейден (Нидерландия) санъати сурудию эпикиро намоиш медиҳанд.

Ба ҷуз аз барномаҳои консертӣ навозандагон дар доираи барномаи таълими мусиқии «Musikerinnen der Welt im JeKits Klassenzimmer» дар чанд мактаби Олмон оид ба мусиқии Осиёи Марказӣ лексия ва дарсҳои маҳорат баргузор мекунанд.

Дар лоиҳаи «Насими баҳри Арал» навозандагон мусиқии вокалию инструменталии қадимиро бо услуби муосир ба ҳам мепайванданд.

Бояд гуфт, ки Азада Қарлибоева ва Гумисай Бердихонов дар бисёр озмунҳои мусиқӣ иштирок карда, соҳиби як қатор мукофотҳо гардиданд, дар фестивалҳои санъати Бахшии байналмилалӣ фаъолона иштирок намудаанд.

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри БРЮССЕЛ.*

*Муносибат*

## ДАРХОСТҲОИ ҲАМДИЁРОН ПУРРА ИНЪИКОС МЕШАВАНД

***Ислоҳотҳо кай муваффақият пайдо мекунанд? Вақте ки дар онҳо манфиати инсон аҳамияти устувор пайдо кунад! Боз чӣ? Боз агар онҳо тақозои вақту макон, эҳтиёҷи давр бошанд! Ҳамчунин фурсати куллан такмил додани таъминоти ҳуқуқӣ ба миён ояд!***

Алҳол ба коршиносу мутахассисон, мансабдорону мутасаддиён равшан аст, ки дар Ўзбекистон чунин зарурат панҷ-шаш соли охир фароҳам омад. Дуруст аст, ки таҳлилҳои қиёсӣ пештар оғоз ёфта буданд.

Пас саволе ба миён меояд, барои чӣ танҳо соли гузашта ташаббуси ислоҳоти конститутсионӣ пеш гирифта шуд? Зеро таҳлили амиқи ба талаби замон мувофиқ наомадани баъзе меъёрҳои Қонуни Асосӣ, ки анқариб 30 сол муқаддам тасдиқ гардидаанд, муддати муайянро тақозо мекарданд.

Тавре ки дар боло махсус таъкид намудем, коркарди лоиҳаи қонуне, ки нуқтаи назари тамоми табақаҳои аҳолии мамлакатро ифода карда тавонад, ўҳдадориҳои дар назди конвенсияҳои байналхалқӣ ва ҷомеаи ҷаҳон ба зимма гирифтаамонро инкор накунад, осон набуд. Бояд гуфт, ки дар ҳар як сухан, дар ҳар як сатри қонун инъикос намудани бузургдошти қадри инсон басо мушкил буд.

Масъалаи баъзе меъёрҳои кодекс ва қонунҳои гуногунро ба дараҷаи Сарқонун бардоштан чандин карат аз экспертиза гузаронида шуд. Дар натиҷа ҳуҷҷате ташаккул ёфт, ки аз он ҳама як хел нафъ мебаранд, суд мебардоранд. Сабаби ифодаи афкори мусбати аксарият нисбати матни Сарқонуни нав, хулосаҳои ошкорои воқеъбинона низ маҳз дар ҳамин мебошад.

Саъй мекунам, ки мулоҳизаҳои худро бо мисолҳои дақиқ баён намоям. Масалан, бигирем моддаи 28-уми лоиҳаро. Дар меъёрҳои қатъиян муайяншудаи ин модда, ки аз шаш қисм иборат аст, баробари фаҳм кардани таъаллуқоташон ба мо зарурияташон барои озодии ҳар як шаҳрванд хеле рўзмарра мебошанд. Барои дарки онҳо ҳуқуқшинос ё худ сиёсатдон будан шарт нест.

Чунончи, дар моддаи мазкур зикр гардидааст, «Шахсе, ки барои содир кардани ҷиноят айбдор карда шудааст, то замоне, ки айби ў бинобар тартиби дар қонун пешбинишуда бо роҳи муҳокимаи ошкорои суд собит нагардад ва бо ҳукми қонунии суд мушаххас карда нашавад, айбдор дониста намешавад. Айбдор барои худро ҳимоя кардан бо тамоми имкониятҳо таъмин карда мешавад».

Тавре ки мебинем, ин қоидаи барои ҳама равшан ва фаҳмост.

Ба дараҷаи баланд бардоштани манфиати инсон дар қисмҳои баъдинаи ин модда низ равшан ба назар мерасанд. Чунончи, дар он оварда шудааст: «Тамоми шубҳаҳо оид ба айбдоркунӣ, агар барои бартараф кардани онҳо дигар имкониятҳо намонда бошанд, парванда ба фоидаи гумонбар, айбдор, судшаванда ё худ маҳкум бояд ҳаллу фасл карда шавад».

Ҷиҳати муҳимтар он мебошад, ки баъди ба ҳаёт ҷорӣ гардидани Сарқонуни нав барои сафед кардани худ нисбати кирдоре, ки содир нашудааст, эҳтиёҷе намемонад. Меъёри вобаста ба собит сохтани бегуноҳии худ ва дар вақти хости хеш аз ҳуқуқи сукут варзидан истифода бурдани гумонбар, айбдоршаванда ё худ судшаванда ба ин кафолат медиҳад.

На прокурор, на муфаттиш ё худ на ягон мансабдор наметавонанд касеро маҷбур кунанд, ки бар зидди худ ва хешовандони наздикаш гувоҳӣ диҳад. Зеро чунин тақозо низ дар Қонуни Асосӣ дақиқ нишон дода мешавад.

«Догма»-ҳое, ки ба мақомоти суд ва ҳифзи ҳуқуқ аз сохтори куҳна ҳамчун мероси манфӣ боқӣ мондаанд, низ барҳам мехўранд. Муносибати онҳо ба фаъолияташон, ки аз ҷазодиҳӣ ба шаҳрвандон иборат буд, ба фаъолияти арҷгузорӣ нисбати ҳуқуқҳои инсон ва ҳифзи инсон, барқарор кардани ҳуқуқҳои поймолшудаи онҳо тағйир меёбад.

Зеро дар Сарқонун сабт шудааст, ки агар айби худро эътироф кардани шахс нисбати ў далели ягона бошад, вай айбдор дониста намешавад ва ба ҷазо кашида шуданаш мумкин нест. Замоне буд, агар касе ҳабс ва ё хато карда ба кўчаи саргум ворид гардад, ё худ аз мансаби масъулиятнок «сабукдўш» карда шавад, барои аъзои оилаи ў тақрибан тамоми дарҳо баста мешуданд. Фарзанде, ки барои кор дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳаматарафа муносиб аст, бо дарназардошти хатои замоне содиркардаи падараш ба кор қабул намешуд.

Минбаъд ин тавр намешавад. Барои куллан барҳам додани чунин ҳолат меъёри мазкур, агар таъбир ҷоиз бошад, бо ҳарфҳои назаррас аниқу дақиқ сабт шудааст: «Суд гардидани шахс ва оқибатҳои ҳуқуқии ба он вобаста барои маҳдуд намудани ҳуқуқи хешовандони вай ҳеч гуна асос шуда наметавонад».

Қоидаи мазкур масъулияти онҳоеро, ки дар идораҳои давлатӣ кор мекунанд, баҳри қатъиян риоя кардан ба ҳуқуқҳои инсон бештар мекунад. Боз як навгоние, ки дар таҳрири нави Сарқонуни мо мавқеъ пайдо кардааст, ин мустаҳкам карда шудани ҳуқуқи ҳаракати озоди ҳар як шахс дар ҳудуди ҷумҳурӣ, ҳуқуқи интихоби озодонаи ҷойи зист ва кор, баромадан ба хориҷи мамлакат ва бидуни монеа ба Ўзбекистон баргаштани ў мебошад.

Дар гузаштаи наздики мо ҳуҷҷатҳои зерқонуние буданд, ки бе ягон асос ҳуқуқи ҳаракати озодро маҳдуд мекарданд. Чунончи, баъзан барои ба пойтахт ворид шудан бидуни шиноснома аз ситодҳои назоратӣ гузаштан имконнопазир буд. Минбаъд баробари ворид шудани қоидаи мазкури конститутсионӣ ҳаракати озодона ба дараҷаи қадрият бардошта шуда, дар ҳуҷҷати олии ҳуқуқӣ акси худро пайдо хоҳад кард.

**Сардор ҒИЁСОВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

# ТАҒЙИРОТ БА КОНСТИТУТСИЯ ИРОДАИ ХАЛҚРО ИНЪИКОС МЕКУНАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Аз ин нуқтаи назар он чиз аҳамияти хоса дорад, ки дар моддаи 151-уми лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Ўзбекистон тамоюли мустақилияти Бонки марказии кишвар дар иҷрои вазифаҳои худ, татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва кори муътадили системаҳои бонк ва пардохт пешбинӣ шудааст.

Ба ғайр аз ин, дар моддаи 149-ум муқаррар шудааст, ки дар ҳудуди Ўзбекистон низоми ягонаи андоз амал мекунад ва ҳуқуқи пеш бурдани андозҳо ба парлумони мамлакат тааллуқ дорад.

Хушҳолем, ки дар ҷамъомади 32-юми Шўрои директорони Бонки аврупоӣ таҷдид ва рушд, ки 16-18 майи соли ҷорӣ дар Самарқанд бо мақсади шиносоӣ бо ислоҳот дар соҳаи молиявии пулию бонкӣ баргузор мегардад, иштирок мекунам.

**Профессори Донишгоҳи Жюнтендо, доктори илмҳои тиб, пажўҳишгари минтақаи Арал Момоко ЧИБА (Ҷопон):**

– Дар солҳои охир Ўзбекистон ба таъмини суботи экологӣ, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои муҳити мусоиди табиӣ барои аҳолӣ, истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои табиӣ, пешгирии мушкилоти ба миён омадаистодаи экологӣ ва рафъи оқибатҳои онҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад.

Дар ин замина ҷиҳати баланд бардоштани маданияти экологии аҳолӣ ва пурзўр гардондани фаъолияти он дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, ҷорӣ кардани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар маҳалҳо, рушди низоми назорати ҷамъиятии экологӣ, ҳалли мушкилоти ба партовҳо алоқаманд, як қатор корҳои самарабахш анҷом дода мешаванд.

Дар лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ўзбекистон меъёрҳои махсус,бахшида ба таъмини ҳуқуқҳои экологии шаҳрвандон, аз ҷумла ҳуқуқи ҳар як кас барои муҳити зисти бароҳат, маълумоти боэътимод дар бораи ҳолати он, ободонӣ, барқарорсозӣ ва ҳифзи муҳити зист аз ҷониби давлатҳое, ки мувозинати экологиро нигоҳ медоранд, ҳифзи минтақаи баҳри Арал пешбинӣ шудаанд.

Ин меъёрҳо дар давраи замонавӣ, ки захираҳои табиӣ тамом мешаванд, тағйироти ҷаҳонии иқлим ба ояндаи инсоният бо мушкилоти экологӣ таҳдид мекунад, муҳим аст.

Инчунин бобати вазъи мураккаби экологии минтақаи Арал, ҳифзи генофонди аҳолӣ, беҳбуди саломатии он ва таъмини рушди устувори минтақа лоиҳаҳои калонҳаҷм амалӣ карда мешаванд.

Дар баробари ин муайян карда шуд, ки давлат барои ҳифз ва барқарор намудани низоми экологии Арал, рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа тадбирҳо меандешад.

Боварӣ дорам, ки дар таҳрири нави Конститутсия мустаҳкам карда шудани ин меъёрҳо фароҳам овардани шароити зиндагии мусоид, баланд бардоштани сатҳи зиндагии сокинони вилоятро таъмин мекунад.

**Директори Донишкадаи тамаддуни исломии Малайзия Фариза ШАМ:**

– Конститутсия – Қонуни асосии давлат, мағзи тамоми низоми ҳуқуқии ин ё он кишвар буда, маъно ва мазмуни дигар қонунҳоро муайян менамояд.

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ дар тамоми ҷаҳон ҷустуҷўйи пуршиддати моделҳои рушди Конститутсионӣ идома дорад. Бешубҳа, дар пасманзари дигаргунсозиҳо ва ислоҳоти васеъмиқёси демократӣ дар Ўзбекистон ба Конститутсия ворид намудани тағйироти дахлдор ҳолати табиӣ аст, ки ин пеш аз ҳама ба боз ҳам васеъ намудани ҳуқуқҳои Конститутсионии шаҳрвандони ҷумҳурӣ хидмат мекунад.

Дар ин замина, инчунин, мехостам сатҳи хеле баланди дастгирии мардуми Ўзбекистонро аз ғояи ислоҳоти Конститутсия қайд намоям, ки ворид шудани беш аз 220 ҳазор пешниҳод аз он шаҳодат медиҳад.

Ба сифати намояндаи доираҳои академии Малайзия бо қаноатмандӣ қайд менамоям, ки Қонуни асосии навшудаи Ўзбекистон масъалаҳои ҳуқуқ ва дастрасӣ ба таълим, инчунин ба омўзгорон додани мақоми Конститутсиониро фаро мегирад.

Меъёрҳои додани озодии академӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ, дастгирии ташкилотҳои таълимии ғайридавлатӣ ба насли наврас имкон фароҳам меоранд, ки зиндагии худро беҳтар гардонанд, орзуҳои худро амалӣ созанд, бо азхудкунии ихтисосҳои замонавӣ мавқеи худро дар ҳаёт пайдо кунанд ва шахсияти худро ба камол расонанд.

Бар замми ин, ташкили таълиму тарбияи фарогири кўдакони эҳтиёҷманд дар муассисаҳои таълимӣ, ба таҳсил ба мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва дигар фиристодани онҳо таҷассуми амалии тамоюли шаъну шарафи инсон дар Ўзбекистони Нав мебошад.

Меъёри наве, ки дар бораи ҳифзи шаъну шарафи омўзгорон, ғамхорӣ бобати некуҳолии иҷтимоию моддии онҳо, баланд бардоштани ихтисоси онҳо ҷорӣ карда шудааст, бешубҳа, ба боз ҳам баланд шудани мавқеи иҷтимоӣ ва обрўйи педагог дар ҷамъият, ки дар пешрафти кори таълиму тарбия нақши асосӣ мебозад, хидмат мекунад.

Умуман, итминон дорам, ки раъйпурсии дарпешистода ва тасдиқи лоиҳаи Конститутсияи Ўзбекистони Нав ба татбиқи вазифаҳои боз ҳам баланд бардоштани некуҳолии аҳолӣ ва шукуфоии иқтисодии кишвар, таҳкими иқтидори илмӣ ва рақобатпазирии он дар соҳаи маориф хидмат хоҳад кард.

**Раиси ширкати гурўҳи чинии «Jack Technology Co., Ltd» Чжао СИНСЗИН:**

– Вақтҳои охир дар Ўзбекистон муҳокимаи умумихалқӣ оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи мамлакат сурат гирифт.

Қабули илова ва тағйирот ба Конститутсия воқеаи хеле муҳим дар ҳаёти сиёсии ҳар як мамлакат, аз ҷумла Ўзбекистон мебошад. Ин тадбири муҳимест, ки барои татбиқи барномаи навсозии ҳамаҷонибаи идоракунии давлат ва рушди иҷтимоӣ дар асоси қонуни ва бо таваҷҷуҳи хоса ба арзишҳои инсон мебошад. Ин кафолати он аст, ки Ўзбекистон бо роҳи бунёди ояндаи шукуфони худ устуворона қадам мениҳад.

Аз тарфи давлат риоя намудани тамоми меъёру нуқтаҳои Конститутсия маънои таъмини амалӣ гардидани манфиатҳои асосии халқро дорад.

Тағйиру иловаҳои ба Конститутсияи Ўзбекистон пешниҳодшуда ба он нигаронда шудааст, ки Қонуни асосии кишвар риояи ҳуқуқҳои мардуми сермиллати кишварро беҳтар таъмин менамояд.

Тағйиру иловаҳо ба Конститутсия ин дафъа иродаи муштараки мардум ва тамоми миллатҳои Ўзбекистонро пурра инъикос мекунад ва барои таҳкими заминаи ноилшудан ба ояндаи беҳтар аҳамияти бузурги амалӣ ва фарогири таърихӣ дорад.

Солҳои охир «Jack Technology Co., Ltd» шоҳиди ислоҳот ва дастовардҳои назарраси Ўзбекистон дар тамоми соҳаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ мебошад. Боварӣ дорам, ки таҳти роҳбарии сарвари давлат саноати бофандагии Ўзбекистон муваффақиятҳои боз ҳам калонро ба даст меорад.

**АИ «Дунё».**

# ПСКОМ: ВОХЎРИИ СЕ НАСЛ БО ШУКЎҲ ВА ТАНТАНАИ ХОС ГУЗАШТ

***Дар арафаи референдум, ки 30 апрел баргузор хоҳад шуд, дар деҳаи дурдаст, вале табиаташ басо зебову гуворои Пскоми ноҳияи Бўстонлиқи вилояти Тошканд таҳти унвони «Пском – деҳаи баробар ба асрҳо» вохўрии се насл баргузор гардид.***

Барои ҳамин 24 апрел варзишгоҳи мактаби таълимоти умумии рақами 45 намуди идона касб карда буд. Дар ин чорабинии доманфарох, ғайр аз сокинони маҳаллӣ, инчунин аз шаҳри Тошканд ва шаҳру вилоятҳои ҷумҳурӣ, корпусҳои дипломатӣ низ меҳмонон иштирок карданд.

Роҳбари сектори чорум Зарифҷон Зокиров зимни ифтитоҳи маросими расмии ин чорабинӣ гуфт, ки ба шарофати касби истиқлолияти Ватани маҳбуб деҳаи дурдасти Пском сол аз сол ободу зебо мегардад.

– Сарвари давлат Шавкат Мирзиёев ҳамеша баланд бардоштани қадру қимати инсонро дар меҳвар қарор додааст. Ин ҷумлаҳои ў ба гуфтаҳои мо далеланд: «Инсон воситае нест, ки давлат ва ҷамъият ба воситаи он ба ҳадафҳои худ расад, баръакс, инсон мазмун ва моҳият ва манбаи қадриятҳои аз ҳама олӣ бояд қарор гирад». Дар кишварамон сол аз сол қадри инсон баланд мегардад. Дар чаҳорпанҷ соли охир Пском ба таври шинохтанашавандa тағйир ёфтааст ва ин раванд босуръат давом дорад. Мардумаш, ки асрҳо ба боғу чорвопарварӣ ва кишти зироат машғуланд, аз ҳисоби меҳнати босамар даромади хуб ба даст меоранд ва ҳаёташон сол аз сол фаровон мегардад. Дар ин замина Псreferences аз деҳаҳое арзёбӣ метавон кард, ки дастурхони мардуми вилоят ва берун аз онро бо меваҳои ширин, сабзавот ва намудҳои гуногуни асал таъмин мекунад, – зикр намуд Зарифҷон Зокиров. – Тайи панҷсолаи охир барои тамошои деҳаи Пском ва манзараҳои аҷоиби он аз гўшаву канори ҷумҳурӣ, инчунин аз кишварҳои хориҷӣ сайёҳон омада, меҳмон мешаванд, аз ҳавои софу беғубори он нафас мекашанд, аз меҳмоннавозии мардуми он ба ваҷд меоянд, аз ширу ҷурғоташон нўши ҷон мекунанд ва мафтуну лол монда ин макони хушманзараро тарк мекунанд.

Собиқадори меҳнат Қуронбой Файзиев ба сухан баромад, таваҷҷуҳи иштирокчиёни чорабиниро бештар ба он тамаркуз дод, ки Пском зодгоҳи шахсиятҳои маъруф ва шинохта мебошад.

– Ин чорабинӣ боис гардид, ки ба дидори шогирдони зиёди худ расем ва гирди як хони пурнеъмату идона нишаста суҳбат кунем. Аз деҳаи Пскоми мо як идда олимону фозилон, чеҳраҳои фарҳангӣ, кормандони идораву муассисаҳои гуногуни таълимӣ, фаннӣ ва истеҳсолӣ баромадаанд. Номзади илми риёзиёт Ҳакимҷон Иномҷонов ва номзади илми таърих Холмат Самадов аз зумраи онҳостанд. Инчунин, Тўлабой Абдуваҳҳобов чандин сол идораи экологияро роҳбарӣ намудааст, ки ифтихори моро меафзояд, – изҳор намуд Қуронбой Файзиев.

Ба таъкиди вай дар мактабе, ки фарзандони мардум даҳсолаҳо инҷониб ба забони модарӣ сабақ мегиранд, 20 нафар муаллимони фанҳои гуногун ба 120 нафар шогирдони худ сабақ медиҳанд. Дар айни ҳол як гурўҳ шогирдони онҳо баъд аз хатми мактаб ба донишгоҳҳои гуногуни шаҳрҳои Тошканд, Чирчиқ, Самарқанд ва амсоли он дохил шудаанд.

– Соли 1972 ман Донишгоҳи давлатии Самарқандро хатм намудам ва фаъолиятамро маҳз дар мактаби деҳаи Пском оғоз кардам. Барои ҳамин ин макону манзил ва мардуми меҳмоннавози онро хеле азизу мукаррам медонам. Беш аз ним аср шудааст, ки ҳар сол яку ду бор ба ин деҳаи хушманзар меоям. Дар ин ҷо суҳбату мулоқотҳо баргузор мешаванд, аз давраҳои ҷавонӣ ёд мекунем, канори ҳам ҷамъ шуда, шеърхониҳо мекунем, – гуфт шоир ва журналисти самарқандӣ Нормурод Каримзода.

Вай боз тазаккур дод, ки деҳаи Пском ҳамчун манбаи илҳоми вай боқӣ мондааст. Ҳамин аст, ки дар тўли фаъолияти худ чанд китобашро маҳз ба Пском ва пскомиҳо бахшидааст. Баъд ба самъи иштирокчиёни чорабинӣ ин шеъри худро қироат кард:

*Пскоми азиз, меҳри ту*
*дар синаи ман,*
*Авсофи ту шавқу шуғли*
*деринаи ман.*
*Дунёи ҷавонӣ то ҳанўз*
*ҷилвагар аст,*
*Бо шебу фарози худ дар*
*ойинаи ман.*
*Аз ишқи чу чашмаҳо*
*хурўшони диёр,*
*Дар ҷўш бувад ин дили*
*бекинаи ман.*
*Парвона шавам ба*
*шамъи ёдат шабу рўз,*
*То кам нашавад маводи*
*ганҷинаи ман.*
*Эй кош, мабод ғуссаи*
*ҳаҷр фузун,*
*Гул-гул шукуфад висоли*
*поринаи ман.*
*Омад хабар аз ҷаҳони*
*имкони ҳузур,*
*Бигзашт азоби дурии*
*динаи ман,*
*Эй халқи ҷаҳондидаи*
*Пскомзамин,*
*Ин шеъри тар армуғони*
*пешинаи ман!*

– Мо то расидан ба ин ҷо ҳаргиз гумон намекардем, ки деҳаи Пском ба ин дараҷа табиати зеборо дар худ гунҷонидааст. Аллакай дар суҳбатҳои сарироҳӣ дарк намудам, ки мардуми ин деҳаи дурдаст, вале зебоманзар ба забону фарҳанги ниёкони худ арҷи зиёд мегузоранд ва дар боби рушду такомули он низ талошҳои зиёд ба харҷ медиҳанд.

Дар арафаи баргузории референдум ширкати мо дар чунин маҳфили доманфарох боиси ифтихор аст. Аз ҳарфу гуфторҳои ҳар кадоми шумо бармеояд, ки ин Ватани азизи худро дўст медоред, аз сиёсати сарвари давлати худ розиву онро дастгирӣ мекунед, марду зани кору рўзгордидаи Пском барои ҷавонон ҳамеша роҳнамо ҳастед, – гуфт зимни суханронӣ Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ўзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода.






Вай афзуд, ки ба ин чорабинии пскомиён бо дастони холӣ наомадааст ва дар ин рўзҳои фараҳбахш ба ҷамоаи омўзгорони мактаби рақами 45 ва шогирдони он 100 нусха китоб армуғон мекунад. Ба таъкиди А. Раҳмонзода ҳамроҳи вай ду нафар устодони Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Русия низ омадаанд, ки дар ин рўзи хушоянд мардуми Пскомро табрику шодбош гўянд.

Маълум шуд, ки профессори ин донишгоҳи бонуфуз Холмаҳмад Холов бо мактаби таълимоти ҳамагонии рақами 45 минбаъд ҳамкорӣ ба роҳ монданист. Гуфта шуд, Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Русия омодааст дар оянда шогирдони ин мактабро бо гранти давлатӣ ба таҳсил фаро хоҳад гирад.

– Мо, ҷавонони пскомиро ин дидору мулоқоти бошукўҳ ба ваҷд овард. Ба ҳайси зодаи ин деҳаи аз маркази вилоят ва ноҳия басо дур итминон ҳосил намудам, ки ҳамеша дар маркази эътибори сарвари давлат ва ҳукумати мамлакат қарор дорем. Шароити созгор фароҳам оварда мешавад, ки мо баъди хатми мактаб таҳсилро дар донишгоҳҳову донишкадаҳо давом диҳем, соҳибкорони хуб шуда ба воя расем, барои ин халқу ин Ватан беш аз пеш хидмат намоем, – гуфт корманди шуъбаи обуҳавосанҷии шаҳри Чирчиқ Иброҳим Туроббоев.

Дар чорабинӣ шоира, устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд Дилшода Ҳазратқулова, барандаи барномаи «Рангинкамон»-и шабакаи телевизиони «Ўзбекистон», Корманди шоистаи фарҳанги Ҷумҳурии Ўзбекистон Шарофат Эрматова, раиси Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони вилояти Тошканд Саврон Мирзоев, мудири хоҷагии ҷангалпарварии Бурҷимулло Абдукарим Абдуҷамилов, таърихнигор Турдибой Эсанбоев ва як гурўҳ олимону соҳибкорон низ ба сухан баромада, аз мардуми меҳмоннавози Пском сипосгузорӣ карданд.

– Маркази миллии мо ба наздикӣ аз рўйхат гузашт ва мақоми ҳуқуқӣ пайдо намуд. Минбаъд маркази мо нисбати мардуми Пском ҳаргиз бетафовут нахоҳад буд ва маҳфилҳои гуногуни фарҳангиву адабӣ баргузор хоҳад кард. Гузашта аз ин, мо низ бо якчанд бастаи китобҳо ба назди шумо омадем, ки бо ибтикор ва мусоидати Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони ҷумҳурӣ ба нашр расидаанд. Дар байни ин китобҳо романи «Фирдавсӣ»-и Сотим Улуғзода, «Чароғи абадӣ»-и Мирзо Турсунзода, «Ман намемирам»-и Лоиқ, «Шабогард»-и Паймон ва ғайра ба сифати армуғон ба китобхонаи мактаби деҳа супурда мешаванд, – изҳор намуд Саврон Мирзоев.

Ин тадбирро Ҳунарманди шоистаи Ҷумҳурии Ўзбекистон Маҳмуд Намозов, овозхонҳои хушсалиқа Алиҷон Узоқов, Шуҳрат Усмонов ва дигарон шукўҳи тоза бахшиданд.

Дар охири чорабинӣ пирони хирадманди деҳаи Пском ваъда доданд, ки дастаҷамъона ба назди қуттиҳои овоздиҳии референдум ҳозир мешаванд ва қарзи шаҳрвандии худро сарбаландона иҷро мекунанд.

Ногуфта намонад, ки тибқи қарори Президенти Ўзбекистон аз 2 майи соли 2017 «Дар бораи Барномаи тадбирҳо оид ба рушди минбаъдаи гидроэнергетика дар солҳои 2017-2021» дар дарёи Пском 5 нерўгоҳи барқи обӣ бо иқтидори умумии 1 ҳазору 320 мегаватт ва истеҳсоли миёнаи солона 3 ҳазору 140 миллион киловатт-соат бунёд мегарданд, ки дарозии он дар маҷмўъ 73 километрро ташкил мекунад. Яке аз ин сохтмонҳои нерўгоҳи барқи обӣ маҳз «НБО Пском» мебошад. Он аз калонтарин иншоотҳои барқи обӣ муаррифӣ хоҳад шуд, ки дар 120 километр шимолу шарқи Тошканд, 45 километр болотар аз обанбори Чорбоғ воқеъ гаштааст.

Иқтидори барқи он 400 МВт мебошад. Аз ҷиҳати ҳаҷм пас аз «НБО-и Чорбоғ» ҷои дуюмро ишғол мекунад. Инчунин нерўгоҳҳои барқи обӣ дар як сол 950 миллион киловатт соат қувваи барқ истеҳсол мекунанд ва ба манбаи матлубтарини неруи барқ табдил меёбанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ, хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ТОШКАНД.*

# БУНГОҲИ ТИББИИ «ҚИЗИЛРАВОТ»

***Ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Қизилравот»-и ноҳияи Рометан аз маркази ноҳия дар масофаи 265 километр, дар оғўши дашти Қизилқум воқеъ гардида, он бо вилояти Хоразм ҳамҳудуд мебошад. Дар ин маскани дурдасти асосан қазоқнишин, дар давоми даҳ соли охир дигаргуниҳои куллӣ ба амал омад.***

Хусусан, соли 2021 мувофиқи Барномаи давлатии «Деҳаи обод» дар ин ҷо бобати бо оби ошомиданӣ таъмин кардани аҳолӣ, иваз намудани симчўбҳои хати барқ бо сутунҳои бетонӣ, трансформаторҳои кўҳна бо наваш, роҳсозӣ барин ҷараёнҳои ободгардонӣ ба вуқўъ пайваст, ки ҳусни ҳудудро тағйир дод. Мувофиқи талаби сарвари давлат ҷиҳати дастрас намудани хидмати малаканоки тиббӣ дар ҳудудҳои дурдаст дар ин ҷо ҷараёни сохтмони пункти тиббии оилавӣ вусъат меёбад. Бинокорони гулдасти ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Fathualite bulding» дар ин ҷо мувофиқи лоиҳа ба андозаи 1 миллиарду 439 миллион сўм корҳои сохтмонро ба анҷом расонда, ҳоло ҷараёни ҷиҳозонидани биноро идома медиҳанд. Ин бино дорои манзили муолиҷагирии рўзона, ЭКГ, маслиҳатхонаи бонувон, стоматология буда, рўзҳои муайян мутахассисони доираи танг аз маркази ноҳия омада, аҳолиро аз назорати тиббӣ мегузаронанд.

Шубҳае нест, ки дастрасшавии хидматрасонии дилхоҳи тиббӣ аҳолии дурдасти оғўши даштро беҳад шод мегардонад.

**А. АВЕЗОВ, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

*Дар меҳмонии «Овози тоҷик»*

# ТО РАНҶ НАБАРӢ, ГАНҶ НАБАРДОРӢ

Чанде пеш устодамон Ҳикмат Султонзода гуфтанд, ки агар хоҳишмандҳо бошанд, пагоҳ якҷоя ба идораи рўзномаи «Овози тоҷик» мебарам. Рости гап, мо аҳён-аҳён шумораҳои ин рўзномаро мегирем. Азбаски донишҷў ҳастем ва бо шартнома таҳсил мегирем, бинобар ин дар обунаи он фаъол нестем. Лекин кадом шуморааш, ки ба дастамон расид, ҳатман мутолиа мекунем. Ҳамин буд, бо маслиҳати ҳамкурсон якчанд нафар рўзи дигар бо устодамон озими идора гаштем. Дар роҳ устодамон «ман шумоҳоро хонаи қадимии бобову момоятон мебарам» гуфта монданд...

Мо хуб медонистем, ки «Овози тоҷик» солҳои охир ба як маркази мадании халқи тоҷик табдил ёфтааст. Дар идора моро хеле гарму ҷўшон пешвоз гирифтанд.

Мо бо ҳар як ходими рўзнома шинос шудем.

Ин аввалин сафари мо, донишҷўён ба идораи рўзнома буд, ки ба мо бори нахуст суҳбати гарми аҳли эҷод насиб карда буд. Муҳаррири бахши адабиёт ва санъат Абдулло Субҳон қиссаи ба табъ расидани шеъри аввалинашро нақл кард. Албатта, барои эҷодкор ин хушбахттарин лаҳзаҳо мебошад. Зеро барои ба дунё овардани як байт ва ё як порча шеър вай бисёр заҳматҳо кашидааст. Дуруст, инро ҳама ҳам намефаҳмад, аммо барои шоир ин аҳамият надорад. Барои ў танҳо як чиз зарур аст. Ин ҳам бошад зебоии дил аст. Мо аз суханони шоир Абдулло Субҳон ба ин гувоҳ шудем. Худи ҳамон замон аз рўйи таклифи сармуҳаррир дар байни ҳамкурсон байтбарак ташкил гардид.

Баъд аз суҳбати тўлонӣ мо донишҷўён бо ҷараёни кори рўзнома шинос шудем. Дар вақти суҳбат ба ҳамин чиз гувоҳ шудем, ки меҳнати онҳо хеле сахту сангин ва пурмасъулият аст. Шоҳид шудем, ки ҳамаи онҳо аз ин бори гарони меҳнати пурифтихор ҳеҷ ҳаросе надоранд. Ва дарун-дарун садое аз қалбамон ҷўш мезад: Зиҳед, устодон!

Вақти баргаштан ба ҳар якеамон аз китобҳои шахсии шоирону нависандагону журналистон тӯҳфаҳо доданд. Дар ин чанд соли охир ин гуна суҳбати хотирмонро шоҳид нашуда будем. Мо, шогирдон бо ҳамовозӣ мақсад кардем, ки минбаъд ба ин маскани илму зиё ва адабу ахлоқ зуд-зуд меоем.

**Сабина ДАВРОНОВА, Моҳинур БОБОЕВА, Зебо САМИЕВА, донишҷўёни гурўҳҳои тоҷикии ДДОЧ.**

# МАҲСУЛИ ЗАКОВАТ

*ё худ нуктасанҷи соҳа*



Дар ҷабҳаҳои тадқиқоти илмӣ донишмандоне ҳастанд, ки эҷодиёти онҳоро марбут ба ин ё он соҳаи илм омӯхтан ишколе дорад. Зеро ин гуна мусаннифон дар баробари сарукор доштан бо таърихи адабиёт, матншиносӣ, шеърияти классикӣ, дастурҳои услубӣ, китобҳои дарсӣ низ таълиф намудаанд. Доктори илмҳои филологӣ, профессор Нусратулло Ҷумъахӯҷа аз зумраи чунин олимони серҷанба аст.

Олими нуктадон Нусратулло Ҷумъахӯҷа соли 1953 дар шаҳри Ғиждувони вилояти Бухоро чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Нусратулло ҳанӯз овони таҳсил дар мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ ба адабиёт ва эҷоди бадеӣ иштиёқи баланд дошт. Ин буд, ки беҳтарин осори адабиёти ӯзбек ва ҷаҳонро мутолиа намуд. Ба ӯ устодони донишманду шоиртабиат Сайфиддин Раҷабов ва Хушбоқ Раҳимовҳо дарс додаанд. Ин дилбастагӣ ба адабиёт ӯро ба даргоҳи факултети филологияи Донишгоҳи давлати Тошканд овард.

Тӯли панҷ сол дар Донишгоҳ аз донишмандони бахши филология Айюб Ғуломов, Шавкат Раҳматуллоев, С. Долимов, Ғулом Каримов, Талъат Солиев, Лазиз Қайюмовҳо сабақ гирифт. Иштирокчии фаъоли маҳфилҳои адабӣ буд, бо маърӯзаҳояш дар конфронсҳои илмии донишҷӯён муттасил баромад мекард.

Нусратулло Ҷумъхӯҷа, баъди хатми донишгоҳ, дар мактабе, ки худ замоне таҳсил дошт, ба дарс додан аз забон ва адабиёти ӯзбек шурӯъ кард. Дар мактаб дарс медоду хаёлан дар олами эҷод мегашт. Ба умқи осори намояндагони адабиёти классикӣ мерафт, саъю кӯшиш ба харҷ медод, ки маъниҳои ҳаётӣ ва ирфонии ашъори Навоиро дарк намояд.

Чунин ҷустуҷӯҳо барабас нарафтанд. Мақолаҳои ӯ дар рӯзномаи ноҳиявии «Колхоз ҳақиқати» таҳти унвони «Дар ҷустуҷӯйи ифодаҳои халқӣ», «Доир ба як ҳаммонандӣ дар эҷодиёти Дантеву Навоӣ», дар маҷаллаи «Фан ва турмуш» зери номи «Монандии аҷиб» рӯйи чопро диданд.

Солҳои таҳсил дар донишгоҳ байни ӯву адабиётшиноси номӣ Бегалӣ Қосимов муносибати устодию шогирдӣ ташаккул ёфта буд. Дертар, бино ба даъвати ӯ, Нусратулло ба аспирантураи донишгоҳ дохил шуд ва ба тадқиқи ҳаёт ва эҷодиёти шоири бузург Муниси Хоразмӣ пардохт. Пайдост, ки зиндагинома ва осори Муниси Хоразмиро Н. Маллаев ва Ю. Айёмӣ то ҷое омӯхтаанд. Вале тадқиқоти Нусратулло Ҷумъахӯҷа «Маҳорати шеърофарии Шермуҳаммад Мунис» (1984) дар ин росто зинаи нав гардид. Зеро муаллифи рисола таркиби жанр, доираи мавзӯъ, силсилаи образҳо ва самти ғоявии ашъори Муниси Хоразмиро дар якҷоягӣ омӯхта, мавқеи устодии ӯро дар шеъри замон дуруст муайян карда буд. Баъди чунин ҷустуҷӯ ва бозёфтҳо фаъолияти номзади илмҳои филологӣ Нусратулло Ҷумъахӯҷа дар муассисаҳои илмӣ ва донишгоҳҳо идома пайдо кард: ходими хурди илмии Институти забон ва адабиёти Фарҳангистони улуми Ӯзбекистон, корманди Маркази ҷамоатии Маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ буд, дертар вазифаи мудири кафедраи Академияи сохтмони давлат ва ҷамъияти назди Президент, Институти давлатии ҳуқуқшиносии Тошканд ва Институти такмили малака ва бозомӯзии кадрҳои педагогии вилояти Тошкандро бар ӯҳда дошт.

Нусратулло Ҷумъахӯҷа соли 1999, баъди дифои рисолаи докторӣ доир ба мавзӯи «Мафкураи истиқлоли миллӣ ва мероси адабӣ» муттасил дар ҷустуҷӯ буд, кӯшиш ба харҷ медод, ки тадқиқоти наве анҷом диҳад, фикри нав гӯяд.

Олим дар ҳоли ҳозир дар Донишгоҳи давлатии забон ва адабиёти ба номи Алишер Навоии Тошканд ба донишҷӯён дарс медиҳад, ба навиштани кори дипломӣ ва рисолаҳои магистрӣ роҳбару роҳнамои онҳост.

Бисоти илмии профессорро монография, китобу маҷмӯа ва мақолаҳои илмӣ ташкил медиҳанд. Олим дар онҳо, дар баробари шеърияти назми классикӣ, рушду такомули тадриҷии ин ё он жанрро баррасӣ кардан, саъй бинмудааст, ки фаъолияту шахсият ва мақеи адабии эҷодкорони алоҳидаро дар адабиёт муайян намояд. Осори ӯ, ба монанди «Сухан танҳо бимонад ҷовидона», «Сеҳри нуҳуфта дар сатрҳо», «Ғазалиёти Мунис», «Фирӯз — ҳомии фарҳанг ва ҳунар», дар баробари ба хонанда завқи эстетикӣ бахшидан, ба онҳо донишу маърифат низ медиҳад. Чунончи, монографияи ӯ дар бораи Фирӯз на танҳо доир ба зиндагинома ва фаъолияти эҷодии роҳбар ва созмондиҳандаи муҳити адабии Хоразми қарни XIX ба хонанда маълумоти кофӣ медиҳад, балки ӯро бо таърихи воҳа, ҳаёти маданӣ, ҷараёну маҳфилҳои адабӣ ва анъанаи устодиву шогирдӣ ошно месозад.

Олим бо матн ва манбаъшиносӣ низ сарукор дорад. Талқин, шарҳ ва фикрҳои таҳлилии ӯ доир ба ғазалҳои Алишер Навоӣ, Мунис, Огаҳӣ, китоби алоҳидааш, ки ба таҳлили ғазали «Қаро кӯзим» бахшида шудааст, ҳамчунин аз ҷониби ӯ омода карда шудани матнҳои «Шаҷараи Хоразмшоҳӣ» ва «Фирдавс-ул-иқбол» далели ин гуфтаанд. Тадқиқоти олим доир ба баъзе хусусиятҳои ашъори Навоӣ саҳифаи наве дар боби навоишиносианд.

Профессор Н. Ҷумъахӯҷа, баъди таълифи китоби дарсии «Ӯзбек адабиёти» барои синфи 10 (бо ҳамроҳии устоди худ Бегалӣ Қосимов) дар ин самт ҳамкориашро бо ҳаммаслакони хеш идома дод. Китобҳои дастурӣ ва дарсии «Она тили — давлат тили» («Забони модарӣ — забони давлатӣ»), «Ӯзбек адабиёти таърихи»-ро таълиф намуд.

Дар ин рӯзҳо 70-умин солгарди зодрӯзи олими нуктадон ҷашн гирифта мешавад. Мо ҳамкасбон низ ба Нусратулло Ҷумъахӯҷа тандурустию хонаободӣ ва комёбиҳои нав ба нави эҷодӣ таманно менамоем.

**Ҳамидҷон ҲОМИДӢ,**
**профессори Донишгоҳи давлатии забон ва адабиёти ба номи Алишер Навоии Тошканд.**

# МИРЗО ТУРСУНЗОДА — ВАССОФИ СУЛҲУ ДӮСТӢ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Достони «Ҷони ширин» қуллаи баланди эҷодиёти шоир дар мавзӯи дӯстии инсонҳо низ мебошад. Шоир дар ин боб чунин мегӯяд:

*Мо сафар дорем бо амри Ватан,*
*Бо супоришҳои халқи хештан.*
*Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо,*
*Аз амонӣ гуфтугӯ дорем мо.*
*Халқҳоро зиндагӣ илқо кунем,*
*Меҳри дилро ҳадя бар онҳо кунем.*
*Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт,*
*Душманӣ орад ба мардум рӯзи сахт.*

Дар силсилашеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон», ки аз ҳаёти талху фоҷиабори мардумони ҳинд қисса мекунад, низ мавзӯи дӯстиву рафоқат, сулҳу осоиш нақши асосӣ дорад.

Шоири маҳбуби сулҳпарвар аввалин маротиба ба сарзамини бостонии Ҳиндустон дар рӯзҳое ворид гардид, ки мардуми он бори ғуломии чандинсоларо аз дӯши худ дур андохта, ба марзи озодӣ қадам мегузошт.

Устод Мирзо Турсунзода бо корнамоиҳои безаволаш шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо карда, барои озодихоҳиву сулҳҷӯияш сазовори мукофоти байналхалқии ба номи Ҷавоҳирлаъл Неҳру гардид, ки он аз тарафи сарвазири Ҳиндустон Индира Гандӣ соли 1967 ба устод супорида шуд.

Дар соли 1961 Мирзо Турсунзода сазовори унвони ифтихории Шоири халқии Тоҷикистон ва барои хидматҳои бузургу олӣ, тарғиби сулҳу дӯстии халқҳои олам соли 2001 ба унвони фахрии «Қаҳрамони Тоҷикистон» сарфароз гардидааст.

Хулоса намуда гуфтаниам, ки ин фарзанди фарзонаи миллат шахсияте буд, ки бо матонату ҷасорати олиаш дар қалби ҳамаи мардумони тараққихоҳи дунё ҳамчун адиб ва шоири озодихоҳу сулҳпарвар ҷой гирифта буд ва то ҳол ӯро ба некӣ ёд мекунанд. Шоири маъруфи Покистон Файз Аҳмади Файз дар ҳаққи ӯ чунин гуфтааст: «Мирзо Турсунзода нафақат шоири бузурги тоҷик, балки муътабартарин ва азизтарин намояндаи халқи тоҷик низ буд. Дар ҳама ҷо ӯро дӯст медоранд. Ӯ ватани худро, халқи худро дӯст медошт». Ин ғазали форсии ӯ низ саршор аз самимият аст:

*Биё, ёрам, ки чашмам музтариб баҳри тамошоят,*
*Куҷо рафтӣ, ки ёрон дар талоши омаданҳоят.*
*Зи мо рафтӣ, валекин пеши олам дар миён ҳастӣ,*
*Ва бо мардум, ки мерақсанд дар тарзи суханҳоят...*
*Зи ту омӯхтам халқи ҷаҳонро ҳифзи ҷон кардан,*
*Китоби дӯстиро дилнишин кардам ба имоят.*
*Ба ёд овардаам як шеъри Бедил аз барои ту,*
*Ҳамин як армуғон овардаам баҳри таманноят.*
*«Нафас дар сина накҳатошёни хулди тавсифат,*
*Нигаҳ дар дида шабнампарвари боғи тамошоят».*

**Манижа ВАХҲОБОВА,**
**донишҷӯйи соли савуми Донишгоҳи давлатии Тирмиз.**

# УСТОДИ МАКТАБИ РАҚСИ БАЛЕТ

***Галия Измайлова аз даме, ки ақли худро шинохт, ба санъат меҳр монд. Ин меҳр то вопасин дамҳои ҳаёташ қалби ӯро тарк нанамуд. Ба аксарияти солхӯрдаҳо, ки мадор гум мекунанд, шинухез осон нест. Вале Галияхонум дар дамҳое ҳам, ки пирӣ азият медод, ҳаёти худро бе олами санъат, бе театр, хусусан Театри калони ба номи А. Навоӣ, ки солҳои тӯлонӣ дар он фаъолият кардааст, тасаввур намесохт ва ба камқувватию носолимӣ нигоҳ накарда, ба чорабиниҳое, ки таклиф мекарданд, мерафт, баромадҳо менамуд.***



Худ гувоҳ шудаам, чӣ тавр аз истгоҳи назди бозори Олой ба автобуси рақами 67 бо чӣ сахтиҳо (моҳҳои охири ҳаёташ будааст), баромад. «67», ки аз назди театри қадрдонаш мегузарад, роҳашро наздик кард. Намешуд мошине фиристанд, ба худ фикр мекардам. Балки худи ӯ намехост «мошин овора кунанд».

Бист сол қабл аз ин 80-солагии ин ситораи тобноки санъати диёр тантанавор қайд карда шуд. Ҷашнгоҳ – ҳамон театри калон, ки бо сарҷамъсозии одамони зиёд мисле шукӯҳи дигар касб намуда буд. Табрикномаи аввалин роҳбари давлати мо садо дод. Мушовири давлатии Президент Хайриддин Султонов баъди қироати он ба соҳибҷашн ордени «Меҳнат шуҳрати»-ро супурд. Гулҳои тару тоза, суханҳои самимӣ дар ҳақи балеринаи номвар, ки аз дил мебаромаданд, ба вай тақдим гаштанд. Таъкид ёфт ин гуна истеъдодҳои нодир на ҳама вақт осон пайдо шуда ва маданияту санъати халқи худро ба дараҷаҳои баланд бароварда, ба эҳтироми халқ ва эътирофи умум сазовор мегарданд.

Воқеан Галия Измайлова дар давоми фаъолияти дурудароз ва самараноки эҷодиаш ба равнақи санъати ӯзбек саҳми муносиб ҳамроҳ кард. Тавре донишмандони соҳа қайд кардаанд, вай дар се соҳаи хореография: санъати балет, рақси миллӣ ва риштаи балетмейстерӣ мустақилона эҷод намуд ва ба комёбиҳои калон ноил гашт. Дар ин се самт мактаби ба худ хос офарид. Мегӯянд, ин дар ҳаёти як шахс ва эҷоди ӯ ҳодисаест нодир.

Ҳанӯз асное дар омӯзишгоҳи хореографӣ таҳсил мекард, бо истеъдоди табииаш эътибори устодони худро ҷалб намуд. Он вақтҳо дар ин боргоҳи ҳунар устодони бомаҳорат, ки дар тамоми иттифоқ чун фидоии санъат машҳур буданд, фаъолият мебурданд. Яке аз онҳо Е.К. Обухова ба шумор мерафт, ки ситораи санъати балети рус ҳисоб меёфт, солисти театри Петербург буду ҷавонони таълими ӯро гирифта худро хушбахт ҳис мекарданд. Устодони мафтункори санъати рақси худӣ Тамарахонум ва Мукаррама Турғунбоева низ Галия Измайловаро аз сабақҳои худ баҳраманд гардондаанд.

Бо даъвати сарбалетмейстери Театри калони ба номи А. Навоӣ, вакили шинохтаи санъати балет П. Иоркин баъди хатми омӯзишгоҳ Измайлова ба ин даргоҳ омад. Нозукиҳои санъати балетро боз ҳам комилтар омӯхт. Бо меҳнати пайиҳам ва ҷустуҷӯҳои эҷодӣ ба зинаҳои баланди маҳорат қадам гузошт. Эҷод ва мазмуни ҳаёташро ба Театри калон бахшид ва дар давоми фаъолияти пурсамар дар ин боргоҳи ҳунар дар бештар аз чиҳил балети классикиву миллӣ партияҳои ҷолиб офарид.

Ӯ чун раққоса ба техникаи рақс аҳамияти аввалиндараҷа медод, баҳри дарёб сохтани ҷиҳатҳои нозуки рӯҳияти инсон саъй менигаронд, бо ҳаракатҳои пластикии санъаткорона эҳсосу идроки ҳаяҷономези тамошобинро ба ҷунбиш меовард.

Асное партияҳоро ба маром расонда иҷро мекард, баркамолии бадеиву техникии ӯ равшан ба назар мерасид. Бинанда паҳлуҳои тозаи истеъдодашро кашф менамуд. Донишманди маъруфи соҳаи санъат, академик М. Раҳмонов қайд карда буд, ин балеринаи номвар зебоиҳои ҳаётро тараннум месохт, дар кулли образҳое, ки офаридааст, фалсафаи ҳаёт ба ҷилва меомад.

Галия Измайловаи нотакрорро мо нафақат ҳамчун балерина, балки ба сифати коргардони моҳир низ мешиносем. Вай баробари раққосаи касбӣ будан, гуфтанием, коргардони профессионалӣ буда, факултаи режиссёрии Институти давлатии санъати Тошкандро ба итмом расондааст. Ҳамчун коргардон-балейтмейстер «Кӯли қувон», «Орзу», «Таронаи Кашмир», «Шаҳризод», «Тумори ишқ», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Болеро» барин балетҳоро устодона ба саҳна гузоштааст. Тамошобинҳо ва мутахассисон ба ин гуна спектаклҳои ҷолиб баҳои баланд додаанд. «Тумори ишқ» ба гирифтани Мукофоти давлатии ба номи Ҳамза сазовор шудааст. Худи ӯ дар спектакле, ки гузоштааст, партияи асосиро ба иҷро расондааст.

Дар барномаи калони консертие, ки омода месохт, силсилаи рақсу суруди як қатор халқҳои ҷаҳон ҷой гирифта буданд. Хусусан ба рақсҳои мафтункори халқҳои Шарқ дилбастагии хос дошт. Вақте бо сафарҳои ҳунарӣ рӯ ба хориҷ овард, дар баробари нишон додани санъати рақси мо саъй мекард ҳеҷ не ягон рақси халқи он мамлакатро омӯзад.

Вақте Г. Измайлова «Лазгии Хоразм», «Духтари пахтакор» ва дигар рақсҳои миллиро иҷро мекард, кас хаёл намекард, ки ӯ тотордухтар аст. Дар иҷрои рақсҳои ӯзбекӣ, назар ба фикри санъатшиносҳо, вай шаклу услуби тозаи ҳаракатҳои нафисро кашф намуд.

Хеле камшумор чеҳраҳои ҳунар ба дараҷаи санъаткори ҷаҳонӣ баромадаанд. Ҷаҳон ба санъати волояш баҳои сазовор додааст. Соли 1959 вақте ба ИМА сафари ҳунарӣ дошт, барномаи консертиаш Лос-Анҷелосро бапо хезонд, дар бюллетенҳое, ки Ню-Йорк баровард, мафтункории ӯ эътироф гашт. Соли 1972 дар Фаронса ҷашнвораи рақси ҷаҳонӣ рӯйи кор омад. Рақси «Бухоро» ва «Сюитаи Хоразм» тамошобинҳоро бештар тасхир намуд. Матбуоти Париж навишт: «Он рақсҳо ба дараҷаи ҳайратангез серҷозибаанд». Ба раққосаи мо медале доданд, ки дар он манораи Эйфел тасвир ёфта буд.

Ҷамъи нақшҳое, ки дар спектаклҳо иҷро кардааст, 45-то. Ҳамчун балетмейстер 30 намоишро ба саҳна гузоштааст. Ин рақамҳо низ ба заҳмати зиёди Галияхонум дар арсаи ҳунар гувоҳ.

Дар нӯҳсолиаш аз Томск (зодгоҳаш) ба Тошканд омада буд. Ба ин дучори табъидшавии падараш Боязид ва ба парокандагӣ дучороии оилаашон сабаб гардид.

Дар яке аз чорабиниҳои мактабӣ Галия хеле зебо рақс кард. Тамарахонум дар консерт ҳузур дошт. Галияро таҳи қаноташ гирифт.

Оромгоҳи Галия Измайлова, ки соли 2010 дунёи фониро падруд гуфт, дар қабристони Чиғатойи пойтахт мебошад. Наберааш Мария алъон дар Тошканд чароғи ӯро фурӯзон медорад.

**М. ШОДИЕВ.**

***Моҳи шарифи Рамазон бо фазилатҳои хубаш аз дигар моҳҳо ба куллӣ фарқ мекунад. Ин моҳ на танҳо моҳи ибодат, балки моҳи меҳру саховат ҳам мебошад. Ба дармондагону ночорон меҳру саховат нишон додан аҷру савоби бузург ҳам дорад. Ба муносибати Иди Фитр аз номи халқи саховатпешаи Ӯзбекистон ба халқи Афғонистон кумаки навбатии инсонпарварона расонида шуд.***

# КУМАКИ БАШАРДӮСТОНА ДАР МОҲИ ШАРИФ

Корвони маҳсулот, ки аз 48 тонна орд, 48 тонна гандум, 15,7 тонна равғани растанӣ, 10 ҳазору 20 дона гӯшти консерв, 22 тонна макарон, 24 тонна шакар ва 100 ҳазор дона хӯриши тезтайёр иборат буд, тавассути бочхонаи Ҳайратони Тирмиз ба шаҳри Ҳайратони (шимоли вилояти Балх) Афғонистон интиқол ёфт. Ба ин муносибат дар ҳудуди ширкати Астраси шаҳри Ҳайратон бо иштироки намояндагии махсуси Ӯзбекистон дар Афғонистон Исматулло Эргашев, муовини якуми ҳокими вилояти Сурхондарё Анвар Орипов ва вазири иқтисодиёти ҳукумати муваққатии Афғонистон Динмуҳаммад Ҳаниф ва дигар мақомоти расмӣ маросими супоридани ин кумаки башардӯстона баргузор шуд. Мақомоти Афғонистон барои ин кумаки беғаразона ва башардӯстонаи Ӯзбекистон изҳори миннатдорӣ баён намуд.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

# БАРОИ ТАЪЛИМИ ДИНӢ ШАРТ НЕСТ, КИ БА ХОРИҶА БИРАВЕМ

***Дар Мактаби илми ҳадис ба мақсади ҳифзи шуури хонанда аз таъсири ғояҳои бегона бо донишҷӯёне, ки дар кишварҳои хориҷӣ таълими динӣ мегиранд, вохӯрӣ баргузор гардид.***

Дар тадбир роҳбари Кумитаи корҳои динии вилоят, ҷонишини сарвари Садорати вилоятии Хадамоти амнияти давлатӣ, ҷонишини ҳокими вилоят доир ба робита бо ташкилотҳои ҷамоатӣ ва динӣ, уламо ва падару модарони чунин ҷавонон иштирок карданд.

Баромадкардагон дар бораи таҳдидҳое, ки дар замони ҷаҳонишавӣ ба тарбия ва шуури ҷавонон таъсири манфӣ мерасонанд, қурбони ғояҳои бегона гардидани онҳо ҳарф заданд.

– Бино ба ҳолати моҳи июни соли 2022 аз вилоятамон барои таълими динӣ 187 нафар ҷавонони ноболиғ ба Ҷумҳурии Мисри Араб рафтаанд, – гуфт ҷонишини ҳокими вилоят Баҳодур Қодиров. – Бо иштироки гурӯҳи кории дахлдор бо падару модар ва наздикони ин ҷавонон мулоқот ороста, корҳои фаҳмондадиҳӣ анҷом дода шуд. Дар натиҷа соли гузашта 60 нафар, дар муддати сипаришудаи соли ҷорӣ 43 нафар ҷавонон ба канори оилаи худ баргаштанд. Инчунин, соли ҷорӣ ба хориҷа рафтани 6 нафар ҷавони ноболиғро пешгирӣ карданд. Ба Миср рафтани 6 нафари дигар муайян гардид. Падару модарони ҷавонони ноболиғ, ки ба Миср рафтаанд, мувофиқи меъёрҳои қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашида шуданд.

Дар чорабинӣ пешвоёни дин ва донишҷӯёни Мактаби илми ҳадис таъкид карданд, ки дар кишвари маҳбуби мо низ барои бозомӯзии таълими динӣ шароит фароҳам гардидааст ва аз волидон хоҳиш намуданд, то баояндаи фарзандони худ бефарқ набошанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-425. Адади нашр 4591 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
С.Бекназарова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 01.40

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.